Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

Шарти муҳимми рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин мавҷудияти инфрасохтори мукаммал буда, таъмини он дар ташаккул ва нигоҳдории фазои мусоиду шароити созгор барои рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ замина мегузорад. Унсури асосӣ дар рафти ин раванд ташаккули корхонаҳои истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, молиявию қарзӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми рушди соҳибкории истеҳсолӣ мо метавонем соҳаи саноати миллиро бо технологияи муосир таъмин намуда, таҷдиди онро ба роҳ монем. Боназардошти шароити муосири пешравии илму техника ин масъалаи якрӯза ва осон набуда, масъулияти баланду кордониро талаб мекунад.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи интихобнамудаи диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Далелҳои зикргардида мубрам будани мавзӯи диссертатсияи илмиро муайян карда, аҳамияти илмию амалии онро исбот менамояд. Муҳиммият ва навгониҳои илмии диссертатсия дар таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории

истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Зимни гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз усулҳои гуногун, аз ҷумла, усули сабабу натиҷа, омӯзиши омилҳо, таҳлили SWOT, таҳлили экспертӣ, таҳлили оморӣ ва таҳлили муқоисавӣ истифода бурдааст.

Ба андешаи муаллиф, мушкилоти асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ пеш аз ҳама дар инфрасохтори рушднаёфта (нақлиётӣ, бозорӣ, иҷтимоӣ), мавҷуд набудани захираҳои молиявӣ, шароити табиӣ-иқлимӣ, вазъияти номуътадили сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сармоягузории нокифояи давлатӣ, мушкилоти иттилоотонидани сармоягузорони имконпазир, таблиғ ва ташфиқоти сусти имтиёз ва афзалиятҳои субъектҳои МОИ, норасоии кадрҳои соҳибтахассус, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра башумор меравand.

Ҳамзамон, тавсияҳои илмӣ - амалӣ ҷиҳати ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ асоснок ва пешниҳод гардидааст. Муаллиф қайд намудааст, ки барои ташаккул ва рушди инфрасохтори муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ҷалби сармояи хориҷӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати бонкӣ, ба даст овардани иттилооти маркетингӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ, таъминот бо ашёи хом, рушди низоми логистикӣ, фурӯш ва ғайраҳо зарур мебошад.

Сохтори автореферат ба талаботҳои муқarrаргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст шудааст.

Дар қатори муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои зерин дида мешаванд:

1. Дар боби сеюми диссертатсия тавсияҳои илмӣ-методӣ доир ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ пурра коркард ва пешниҳод нагардидааст.

2. Хуб мешуд агар дар боби сеюм дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ то давраи муайян ба таври ҷадвал нишон дода мешуд.

Эродҳои зикргардида ба сатҳи илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқотҳои баъдӣ баинобат гирифта шаванд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи хеле мубрам таҳия карда шуда, ба талаботи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи маркетинг ва агробизнеси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон** **Шукуров К.И.**

*Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шукуров Комил Ибрагимовичро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.

**Суроғаи донишгоҳ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru